# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сатторова Дилрабо Қаҳоровна таҳти унвони «Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Мавриди омӯзиш қарор додани осори Абдусалом Деҳотӣ аз дидгоҳи забоншиносӣ, бешубҳа, барои ошкор кардани таҳаввулоти таркиби луғавии забони тоҷикӣ мадад хоҳад расонд, зеро ӯ дар интихоби калима, таркибҳову иборот, усулҳои корбурди онҳо мустақилияти бештар дошта, аз нишонаҳои ҷолиби ҳунари ин суханвар маҳсуб меёбанд. Ба ибораи дигар, истифодаи мувофиқ ва интихоби вожаҳо барои ғановати ҳунариву маъноии ҳикояҳои ӯ аз омилҳои муҳимми муассир маҳсуб мегардад, чун асолати баёни адиб бар калимаву иборот такя мекунад.

Ҳамчун объекти асосии тадқиқот қарор гирифтани вижагиҳои луғавӣ-маъноӣ дар заминаи маводи осори адибон то имрӯз низ аз ҷониби забоншиносон идома дорад. Сабаби аслии он ба ин нукта пайванд мегирад, ки то ҳол ба таври дақиқ муайян сохтани ташаккули таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар заминаи маводи осори адибони алоҳида ба таври ҷиддӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Маҳз чунин муаммо унвонҷӯ Сатторова Дилраборо водор кардааст, ки тайи чанд сол оид ба хусусиятҳои забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ тадқиқот анҷом дода, бардошташро дар якчанд мақолаву рисолаи ҷудогона манзур кунад.

Аз мутолиаи фишурдаи рисолаи мавриди тақриз бармеояд, ки он аз муқаддима, 3 боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар **муқаддима** аҳаммияти таҳқиқ, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ баён гардида, мақсад ва вазифаҳои асосии кори диссертатсионӣ мушаххас шудаанд. Ҳамзамон, сарчашмаҳо, методологияи таҳқиқ, арзишҳои назариву амалӣ, навовариҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда низ зикр гаштааст.

**Боби якум** - «Қабатҳои луғавӣ-маъноии вожаҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ» ном дошта, аз якчанд фаслу зерфасл иборат мебошад. Дар ин боб масъалаҳои марбут ба калимаҳои сермаъно, омонимҳо, муродифоти исмӣ, сифатӣ ва ҷуфтистеъмол, корбурди мутазод ва ғ. баррасӣ гардидаанд. Диссертант пас аз таҳлили чунин воҳидҳои забонӣ ба хулосаи зерин омадааст: «Далели фаровонии ин навъи калимаҳо, пеш аз ҳама, дар он аст, ки образнокию салосати сухан ва дорои хусусиятҳои экспрессивӣ будан маҳз ба услуби бадеӣ хос аст. Адиб имкон пайдо менамояд, ки хислат, рафтору кирдор ва муносибати персонажҳои асари худро ба пуррагӣ тасвир намояд. Дар ин маврид воҳидҳои сермаъно метавонанд ба нависанда дар баёни фикр имконияти хуб фароҳам оранд» (с.12).

Унвони **боби дуюми** диссертатсия «Мавқеъ ва услуби корбурди вожаҳои аслан тоҷикӣ ва вомвожаҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ» буда, фарогири ду фасл мебошад. Дар фаслҳои ин боб вожаҳои аслан тоҷикӣ (модар, падар, писар, хок, парда, пинҳон, сар, даст, пешонӣ, гардан, гӯш, пой, корд, бел, табар, камон, ранг, сафед, устухон, рег, гул, дил, баҳор, сад, хона, пар, ноз, гандум, ҷав, харбуза), вомвожаҳои арабӣ (фикр, хидмат, раҳм, матлаб, мунтазир, аҳвол, қавл, мухлис, таъриф, муддат, шуъба, алҳол, муъмин, мубаддал, мағрур, ирсол), вомвожаҳои русӣ (трактор, завод, конверт) ва вомвожаҳои туркӣ-ӯзбекӣ (келин, янтоқ, бӯғурсоқ ва ғ.) мавриди таҳқиқ қарор гирифта, омилҳои корбасти чунин калимаҳо, ки дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ истифода шудаанд, мушаххас ғаштааст.

**Боби сеюми** рисола «Услуби корбурди унсурҳои забон вобаста ба хусусияти иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ» унвон гирифта, он аз се фасл фароҳам омадааст. Дар фаслҳои ин боб калимаҳои халқӣ-гуфтугӯӣ, воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақолҳо, ки дар ҳикояҳои адиб ба назар мерасанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар **хулосаи** рисолаи мавриди тақриз муҳимтарин бардоштҳои муаллиф дар дувоздаҳ банд натиҷагирӣ шудаанд.

Мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ (6 адад) мазмуни рисола ва автореферат ро ифода менамоянд.

Дар баробари арзиши баланд доштани диссертатсия дар автореферати он бархе норасоиҳо ба назар расиданд:

1. Дар баъзе бобу фаслҳо таҳлили мисолҳо бештар сурат гирифтааст.

2. Дар автореферат ҷо-ҷо ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва китобӣ (с.12, 6, 23) ба назар расиданд.

Чунин хатоҳо ҷузъӣ буда, ҳаргиз ба рисола таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, рисолаи диссертатсионии Сатторова Дилрабо Қаҳоровна таҳти унвони «Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ» мутобиқ ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди таълифи рисолаҳои номзадӣ буда, муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забони
тоҷикии МДТ-и «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Қӯрғонов З.Д.

«Имзои дотсент Қӯрғонов Зоҳид Деҳқоновичро тасдиқ менамоям».

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Наврӯзов Э.М.

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков-1,
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров»
Тел.: (992-3422) 6-52-73
E-mail: rektor@hgu.tj

«03» апрели соли 2024.